# ТАҚРИЗ

**ба кори диссертатсионии Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст.**

**Мубрамияти диссертатсияи** унвонҷӯ Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бо он асоснок шудааст, ки дар давраи муосир ташкили раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон барои ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ ба тариқи пурра ёрӣ надода истодааст. Сабаби ин баъзе мушкилоти алоқаманд бо идоракунии фаъолияти фикронии хонандагон, ба монанди тайёрии сусти омӯзгорон нисбат ба ин соҳа мебошанд. Ин мушкилот ба омӯзгорон имконият намедиҳанд, ки дар бораи дарк кардани робитаи мутақобилаи ҷараёни омӯзиш ва инкишофи шахсияти хонанда барои тағйиротҳои таҳлили синтетикии таркиби фаъолияти фикронӣ дар рафти таълим ва дар бораи зарурати машқҳои мунтазами хонандагон дар корҳои мустақилонаи зеҳнӣ хулосаҳои худро бароранд. Бинобар ин масъалаи таҳияи технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар ҷумҳурӣ мубрам буда, ин ҳолат дар таълими химия низ ҷой дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал**:

- раванди фаҳмиши ташаккули тафаккури илмӣ дар адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ муайян карда шудааст;

- истифодаи категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ дар омӯзишӣ химия ва нақши онҳо дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар асоси таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ тавсиф ва арзёбӣ гардидааст;

- технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои дидактикии курси химия муайян карда шудааст;

- ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст;

- категорияҳои фалсафӣ барои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия муайян карда шудааст;

- истифодаи имкониятҳои тафаккури эҷодӣ, фаъолият доир ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар химия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

- таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ доир ба татбиқи технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ амалӣ карда шудааст;

- таҳқиқи ташаккули тафаккури илмӣ дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ дар гурӯҳҳои озмоишию назоратӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он мавриди муқоиса ва арзёбӣ қарор гирифтанд.

**Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Технологияи ташкили раванди таълими умумии химия, ки ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ равона шудааст ва ифодаи тағйироти нишондиҳандаҳои асосии раванди педагогӣ (бо унсурҳои таърихиву фалсафӣ ғанӣ гардидааст), фаъолияти омӯзгор ва хонандагон дар раванди таълим (дарсҳои ғайрианъанавӣ, ҷузъҳои методҳои таҳқиқотӣ) ва ғайраҳо.

2. Самарнокии ташаккули тафаккури илмӣ, ки дар натиҷаи ташкили фаъолияти эҷодии хонандагон сурат гирифта, ҳамчун мақсад ва тарзҳои татбиқи имкониятҳои фанни химия маҳсуб мешавад.

3. Ҳалли вазифаҳои ташаккули тафаккури илмӣ тавассути ҷалби мавод оид ба таърихи химия ва категорияҳои фалсафӣ ба амал баровarda мешавад, ки низоми татбиқи имкониятҳои фанро ҳамчун раванди мутассил, муташаккил, мутаҳаррик ва гуногуннусха фароҳам месозад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани натиҷаҳои таҳқиқотро** давраи тӯлонии таҳқиқот, ки дар шароитҳои мушоҳида, назорат, низоми методологӣ, муносибати фардӣ-эҷодӣ, татбиқи технологияи комплексии таҳқиқот, муқоисаи маълумотҳо, ки дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ ба даст омадааст, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати роҳбарии гурӯҳи омӯзгорон ва иштироки бевоситаи ӯ дар корҳои таҷрибавӣ–озмоишӣ тасдиқ менамоянд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** бо муайян намудани имкониятҳои методии химия дар татбиқи технологияи ташаккули тафаккури илмӣ тибқи истифодаи категорияҳои фалсафӣ ва нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва зарурияти ташаккули тафаккури илмӣ дар хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардонида шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

– технологияи ташаккули тафаккури илмӣ дар асоси истифодаи категорияҳои фалсафии курси химия санҷида ва пешниҳод карда шудааст, ки онҳо имкон медиҳанд вазифаҳои гуманитарии консепсияи таълими мактабӣ бомуваффақият ҳал карда шаванд;

– маводи дидактикӣ дар шакли иттилоот ва варақаҳои методӣ, вазифаҳои хусусияти эҷодидошта коркард гардидаанд, бо мақсади ташаккули тафаккури илмӣ дарсҳои ғайрианъанавӣ (дарс–суҳбат, дарсҳои амсиласозӣ, дарсҳои бозиҳои иттилоотӣ) гузаронида шудааст, ки истифодаи онҳоро ба дигар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсия додаад.

**Таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии дар рӯйхати КОА –и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА – и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тасдиқ гардида 6 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шуданд.

**Диссертатсия аз муқаддима,** се боб, хулоса ва рӯихати адабиётҳои истифодашуда иборат аст.

**Дар муқаддима** сохтори методологии диссертатсия боварибахшона сохта шудааст: мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши масъала муайян карда мешавад, объект, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда мешаванд, асосҳои методологӣ қайд гардидааст, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ пешниҳод карда мешавад, давраҳо, усулҳои таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва инчунин натиҷаҳои санҷиши амалии таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия,** ки аз се зербоб иборат аст ба раванди фаҳмиши ташаккули тафаккури илмӣ дар адабиётҳои фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ, истифодаи категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ дар омӯзиши химия ва нақши онҳо дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ бахшида шуда, технологияи ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои дидактикии курси химия кушода дода шудааст. Муаллиф қайд месозад, ки ҷанбаи мантиқӣ-методологии мафҳуми «услуби тафаккури илмӣ» ҳамчун системаи мустаҳками меъёрҳои методологӣ аз тарафи ҳама эътирофшуда ва принсипҳои фалсафист, ки таҳқиқотчиён онро дар ҳамин давра ба роҳбарӣ мегиранд. Услуби тафаккури илмӣ ҳамчун томият ҳамаи сохтори аломатҳои занҷири маърифатиро гузашта, дар ягонагии принсипи методӣ, ки марказ (ядрои)-и онро ташкил мекунад, ошкор мегардад. Нақши методологӣ ва методии категорияҳои таърихӣ ва мантиқиро дар таълими химия дида баромада, қайд месозад, ки онҳо бо нақш ва вазифаҳои методи таърихӣ дар азхудкунии фан, инчунин яке аз мақсадҳои таълим, ки дар хизмати кушодани мантиқи илм аст, алоқамандии дохилӣ ва берунии объектҳо ва ҳодисахо мавҷуд аст, муайян карда мешавад. Бинобар ин ягонагии мантиқӣ ва таърихӣ шарти муҳими ҳалли масъалаи дарки сохтори фан нисбат ба рушди он буда, истифодаи ин категорияҳо дар дарсҳои химия барои омӯзонидани фикркунии хонанда ва давра ба давра ташаккул ёфтани услуби тафаккури илмии хонанда равона мегардад.

Муаллиф модели технологияи ташаккул додани услуби тафаккури илмиро ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои дидактикии курси химия пешниҳод сохтааст, ки асоси онро модели ананавии раванди таълим ҳамчун системаи бисёраломата ташкил мекунад.

**Боби дуюми диссертатсия,** ки аз се зербоб иборат аст ба омӯзиши ташаккули услуби тафаккури илмӣ ҳангоми омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ, истифодаи категорияҳои фалсафӣ барои ташаккул додани усулҳои тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия ва истифодаи имкониятҳои тафаккури эҷодӣ, фаъолият оиди ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар химия бахшида шудааст. Муаллиф кушиш менамояд, ки истифодаи муносибати таърихӣ ва мантиқиро дар ташаккулдиҳии тафаккури илмии хонандагон ҳангоми омӯзиши баъзе мафҳумҳо, ки ба фаъолияти зеҳнӣ ва ба фаъолияти амалӣ ворид гаштани хонандагон кумак мерасонад, таҳлил намояд. Дар раванди мушоҳида ва таҳқиқотҳои худ як қатор камбудиҳоеро муайян намудааст, ки онҳо ба ташаккул додани усулҳои тафаккури илмии хонандагон дар раванди таълими химия таъсири манфӣ мерасонанд. Барои бартараф намудани ин камбудиҳо ва минбаъд такмил додани таълиму тарбия унвонҷӯ истифодаи самараноки комёбиҳои илмро дар амалия, истифодаи методҳои фаъол ва истифода бурдани донишҳои назариявиро дар амал пешниҳод менамояд.

**Дар боби сеюм диссертатсия** таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ доир ба татбиқи технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ ва таҳқиқи ташаккули тафаккури илмӣ, ки дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ ба даст оварда шудаанд, дида баромада мешавад.

Муаллиф ба таҳлили кори таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон пардохта, бо истифодаи ҷадвалҳо корҳои гузаронидашуда баррасӣ карда мешаванд. Минбаъд дар асоси таҷрибаҳо ба хулоса омадааст, ки алоқаи мутақобилаи байни ҳамаи воситаҳои фаъолгардонӣ мавҷуд аст. Дар раванди таъсири педагогӣ, ки хусусияти ташаккулёбӣ дорад, мақсади баланд бардоштани

азхудкунии сатҳи дониш, ташаккул додани маҳорати хонандагон ва амалӣ кардани имконияти эҷодии хонандагон гузошта шуда буд. Натиҷаи таҳқиқоти хонандагонро дар давраи ташаккулёбии озмоиш ба таври боваринок таъсири технологияи пешниҳодшуда, ки асосашро истифодаи муносибати таърихӣ дар ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ ташкил мекунад, ҳисобидан мумкин аст. Як қатор шароитҳои мӯътадил ва воситаҳоро барои шарҳи давраи ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон пешниҳод ва ошкор намудааст.

Унвонҷӯ дар хулоса натиҷаи таҳқиқоташро ҷамъбаст намуда хулосаҳои асосиашро баровардааст. Як қатор душвориҳоеро, ки омӯзгорони мактабҳои таҷрибавӣ дар асосӣ фаъолияташон ба он рӯ ба рӯ гаштаанд, муайян намудааст.

Тартиб ва танзими диссертатсия ба талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ мебошад.

Дар баробари ин, ба муаллиф Расулзода Субҳон Пирмад пешниҳод карда мешавад, ки:

1. Дар рисола самтҳои услуби тафаккури илмӣ пурра кушода дода нашудааст.

2. Кушодани нақши муносибати системавӣ ҳангоми омӯзиши объектҳои химия мувофиқи мақсад мебуд.

3. Бори дигар матни рисоларо мавриди таҳлилу таҳрир қарор диҳад.

4. Дар асоси натиҷагирӣ аз кори озмоишӣ, хулосаҳое, ки дар онҳо фарзияҳои таҳқиқотӣ исботи худро дарёфтанд, бояд тавсияҳои педагогӣ барои такмилдиҳии минбаъдаи асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия пешниҳод карда мешуд.

Бояд қайд сохт, ки ин пешниҳодҳои ишорашуда арзиши диссертатсияи номзадии муаллифро кам намекунанд ва диссертатсияи Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз

рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст, кори анҷом ёфтаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии мутобиқат мекунад ва барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) тавсия карда мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
кафедраи методикаи таълими химияи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ: Алимов С.Ш.

Имзои н.и.п. Алимов С.Ш. - ро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳои ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Д. Назаров

Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: +992 37 224-13-83.
e-mail: tgpu2004@mail.ru

«17» 08 2019 с.